**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «03» 06 соли 2024 № 169/бд ш. Душанбе

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд кардани диссертатсия*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270) ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Саидзода Парвиз Ҳамро, диссертатсияи номбурда дар мавзуи «Идентификация экологических проблем Таджикистана и усовершенствование устойчивого функционирования системы высшего образования в сфере экологии с применением математического моделирования» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисосҳои 03.02.08 – Экология (03.02.08.04 - Соҳаи илмҳои техникӣ) ва 05.13.18 – Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Саидзода П.Ҳ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Саидзода П.Ҳ. аз 24 майи соли 2024.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Давлатзода С.Х.